Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди
Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи
Нахимов 64/14, E-mail:fardullo72@mail.ru

# ТАҚРИЗ
# БА АВТОРЕФЕРАТИ РИСОЛАИ ИЛМИИ НУРАЛИЕВА ДИЛАФРУЗ КАМОЛОВНА ДАР МАВЗӮИ “ҶАНБАҲОИ ТАШКИЛӢ-ИҚТИСОДИИ РУШДИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН” БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ АЗ РӮИ ИХТИСОСИ 08.00.07-МОЛИЯ, МУОМИЛОТИ ПУЛӢ ВА ҚАРЗ

Рушди устувори иқтисоди миллӣ аз зиёдшавии амалиёти молиявӣ ва густаришёбии фаъолияти низоми бонкии он вобастагии беандоза дорад. Яке аз вазифаҳои ташкилотҳои қарзӣ дар замони муосир ин пешниҳоди хизматрасониҳо ба муштариён баҳисоб рафта, рушду инкишфи ҳар як ташкилоти қарзии алоҳида аз ташаккулёбии бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва сифати хизматрасониҳои пешниҳодшаванда вобаста аст. Бозори хизматрасониҳо дорои сохтори ба худ хос буда, дар худ бахшҳои гуногунро фарогир мебошад. Ҳамин тариқ, таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи кунунӣ ва дурнамои рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистон имкон медиҳад, ки ҷиҳати навсозӣ ва баланд бардоштани устувории он тадбирҳои муассир таҳия карда шавад, ки дар ниҳоят ба рушди устувори иқтисодии кишвар мусоидат хоҳад кард.

Дар автореферат унвонҷӯ аз тарафи худ таҳлили амиқи низоми бонкиро овардааст, вазъи кунуниро дуруст арзёбӣ намудааст, ки барои такмилдиҳии стратегияи бонкӣ хуб мусоидат мекунад.

Дар баробари ҷиҳати мусбии автореферати мазкур, мехостам баъзан тавсияҳоро пешниҳод намоям, ки метавонанд ба арзиши илмию амалии таҳқиқот таъсири мусбӣ расонанд: - хуб мебуд агар муаллиф дар асоси омӯзиши асосҳои назариявии бозори хизматрасониҳои бонкӣ як ҷадвалро оид ба мафҳуми бозори хизматрасониҳои бонкӣ аз ҷониби муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ таҳия менамуд.

Таҳқиқоти унвонҷӯ аз он нуқтаи назар қобили дастгирӣ мебошад, ки истифодаи амалиёти бонки тиҷоратӣ агар аз яктараф барои рушди бонкҳои тиҷоратӣ бошад аз тарафи дигар имконияти рушди минбаъдаи соҳибкориро бо назардошти тағйиротҳо таъмин менамояд.

Умуман, автореферат дар мавзуи “**ҶАНБАҲОИ ТАШКИЛӢ-ИҚТИСОДИИ РУШДИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**” аз рӯи натиҷаи илмӣ ба бандҳои Шиносномаи феҳрасти ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад ва муаллифи он Нуралиева Д.К. арзандаи дараҷаи илмии номзади илмои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Тақриздиҳанда, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, декани факултети ҳуқуқ ва фаъолияти гумрукии МД "Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд"-и МД "ДБССТ" ____________ Шокиров Р.С.**

**Имзои Шокиров Равшан Сиддиқовичро тасдиқ менамоям.**

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси МД "Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд"-и МД "ДБССТ" ____________Раҳимов Н.И.**

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроға: ш.Хуҷанд, маҳаллаи 27, хонаи 1.**